ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия).**

Дар идоракунии илм ва маориф дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои сифати нави таълим ба миён омаданд. Айни замон вазифаи таълим аз додани ҳаҷми муайяни илм қобилияту малака, мустақилона ҷустани дониш, дарёфти ҳақиқат ба хонандагон, ташаккул ва рушди фаъолияти эҷодии онҳо иборат мебошад.

Фанни химия ҳамчун илм хосиятҳои ба худ хосро доро буда, дар ташаккул ва рушди тасаввури аслии оламе, ки моро иҳота менамояд, барои хонандагон нақши муҳим мебозад. Дар робита ба ин, дар назди илми методикаи таълими химия масъалае истодааст, ки на танҳо ба хонандагон системаи донишҳои амиқ ва мустаҳками химиявӣ, инчунин қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии ҳар яки онҳоро ба дараҷаи баландтар рушд медиҳад.

Дар шароити кунунӣ масъалаи амалигардонии инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонандагон, рушди қобилияти дар амалия истифода карда тавонистани донишҳои азхуднамуда торафт мубрамият пайдо менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст:

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- ваҷҳҳои самарабахши омӯзиши химия муайян ва шароитҳои ташаккули онҳо дар раванди таълими химия асоснок карда шуданд;
- имкониятҳои таълими химия дар татбиқи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ тибқи нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони муассисаҳои миёни умумӣ, зарурати онҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуданд;
- имкониятҳои мазмуни маводи химиявӣ дар заминаи мазмуни эҳсосотии дарс муайян карда шудааст.

Дар муқаддимаи автореферати диссертатсия аҳамияти илмии мавзӯъ асоснок карда шуда, ҳадаф, объект, предмет ва масъалаҳо муайян гардида, фарзияи таҳқиқот ифода ёфта, навоварии илмӣ, марҳилаҳои таҳқиқот пешниҳод шуда, аҳамияти амалии автореферати диссертатсия, мафҳумҳои заминавӣ асоснок гардонида, маълумот оид ба озмоиши натиҷаҳо, сохтори автореферати диссертатсияи илмӣ ба ҳимоя бароварда шудааст.

Боби якум докторант – «Инъикоси масъалаи ҳавасмандсозии омӯзиш дар психология ва методикаи таълими химия» – аз ду зербахш иборат мебошад.

Дар зербахши аввал, «Тавсифи масъалаи ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ дар психология» қарор гирифтааст. Дар зербахши дуюм– «Ҳолати омӯзиши масъала ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ дар методикаи таълими химия» - раванди таълими химия асоснок гардонида шудааст.

Боби дуюм- «Шароити ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш» –аз ду зербахш иборат мебошад. Дар зербахши якум, «Шароитҳои методии ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ дар раванди таълимӣ химия» қарор гирифтааст. Дар зербахши дуюм, «Шароитҳои методӣ барои ташаккули ваҷҳҳои «муфид» дар раванди таълими фанни химия» баррасӣ гардидааст.

Дар боби 3-юм- «Методикаи ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш» аз се зербахш иборат аст. Таҳлили натиҷаи таҳқиқ дар давраи муқарраркунии озмоиши педагогӣ ба анҷом расонидааст.

Дар асоси натиҷаҳо аз таҳқиқоти бадастомада муаллиф чунин тавсия медиҳад, ки:

1. Имкониятҳои истифодаи методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия дар раванди таълиму тарбия, методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар таълими химия ва методикаи таълими химия пурра дида баромада нашудааст ва таҳқиқи фаъолро талаб дорад.
2. Таҳлили нуқтаи назари муаллифони гуногун, асосҳои назариявии проблема дар маҷмӯъ истифода намудани методҳои таълим ва тарбия дар методикаи таълими химия, барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ, ки консепсияи ҳозираи таълим мегузорад, истифода бурдан мумкин аст.
3. Меъёрҳои пешниҳодшударо ба сифати баҳодиҳӣ барои муайян кардани методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ истифода кардан

мувофиқи мақсад аст.
4. Интихоби онҳоро бояд ба ихтиёри муаллими химия гузорем, то ин ки худаш шахсан бо назардошти шароити корӣ интихоб намояд.
5. Зарурати боз ҳам беҳтар ва мустаҳкам намудани ҷанбаҳои тарбиявии дарсҳои химия, ба рушди шахсият равона кардани онҳо пеш омадааст.
6. Босифат ҳал намудани вазифаҳои таълимӣ бо роҳи интихоби чунин методҳо муяссар мегардад.

Мазмун ва муҳтавои афтореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи муаллиф мувофиқат менамояд.

Бо назардошти арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои автореферати Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Номзади илмҳои химия, дотсенти
кафедраи химияи органикӣ ва амалӣ
МДТ “ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи акададемик Бобоҷон Ғафуров Ҳакимхоҷаев С.Н.

Суроға: 7357000, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел: 992-92-880-88-74
E-mail: siroj1974@mail.ru

Имзои Ҳакимхоҷаев С.Н -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи РК ва КМ-и
МДТ “ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров” Ашрапова З.Н.